# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар низоми қонунгузории ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими ҳуқуқ нақши ҳалкунанда дорад. Он на танҳо барои мубориза ву муқовимат бо ҷинояткорӣ, балки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, экология, моликият, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти инсоният равона шудааст. Дар ин замина, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам ҳамчун пояҳои асосии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад намуда, ба низомнокӣ ва асоснокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки сироят кардан ба ВНМО як падидаи умумиҷаҳонӣ буда, ба ҳама давлатҳо бе ягон истисно таъсири манфӣ мерасонад ва ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин вирус хавфнокии зиёд дорад, зеро он ба ҳуҷайраҳои системаи сироятпазирии инсон таъсир мерасонад ва дар натиҷа дар як муддати наздик сирояти БПНМО ба вуҷуд меояд. Организми инсон қобилияти муҳофизатии худро аз бемориҳо гум карда, оқибат ба марг дучор шуданаш мумкин аст. Паҳншавии сирояти ВНМО яке аз мушкилоти тезутунд ва мубрами тамоми давлатҳои дунё ба шумор

рафта, кишвари мо низ истисно нест. Дар айни замон, бо дарназардошти дараҷаи баланди латентӣ доштанаш, сирояти ВНМО як ҷинояти нисбатан паҳнгашта буда, хавфнокии зиёд дорад. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ки қонунгузор нисбат ба шахсоне, ки шахсони дигарро ба сирояти ВНМО сироят мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, муҳим мегардад.

Қобили зикр аст, ки бемориҳои сироятӣ маҷмуи бемориҳое мебошанд, ки аз микроорганизмҳои патогенӣ ба вуҷуд меоянд, ки бо сироятпазирӣ, мавҷудияти давраи инкубатсия, аксуламалҳои организми сироятшуда ба микроорганизм, инчунин ҷараёни даврӣ ва ташаккули иммунитети пас аз сироятӣ тавсиф мешаванд.

Хусусияти муҳимми бемориҳои сироятӣ мавҷудияти давраи инкубатсия, яъне фосилаи вақт аз лаҳзаи сироят то пайдо шудани нишонаҳои аввал мебошад. Давомнокии он аз намуди патоген ва усули сироят вобаста аст, бинобар ин он метавонад ба таври назаррас фарқ кунад (аз якчанд соат то якчанд сол).

Сироятҳо хатари сайёра буда, саломатии халқҳо ва умуман одамони дар сайёраро муайян мекунанд ва гоҳ-гоҳ бо пайдоиши сироятҳои нав инсоният ба мушкилоти бузург дучор мешавад. Як вактҳо дифтерия чунин проблема буд; баъд - полиомиелит, сурхча; ҳоло – сирояти ВНМО, гепатити В, С; ва аз навтаринаш – «зукоми мурғӣ» ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир намудҳои гуногуни бемориҳои сироятӣ мавҷуд мебошанд, ки одамон то ҳол ба онҳо мутобиқ нашудаанд ва дар ҳолатҳои ба гардиш омадани сироятҳо хавфи сироятшавии оммавӣ ба вуҷуд меояд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи таҳлили коршиносони соҳа, “беш аз нисфи гирифторони бемории вируси норасоии масунияти одам тариқи сӯзандору ва қариб 30 дарсади дигар аз тариқи алоқаи ҷинсӣ ба ин

беморӣ гирифтор шудаанд, аммо таҳлилҳо нишон додаанд, ки хатари олудашавӣ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам дар ҳама соҳаҳо ва касбу кори гунонгун мавҷуд аст. Муҳимтарин мубориза бар зидди ин беморӣ агар эҳтиёткорӣ бошад, пас огоҳ будану маълумот доштан оид ба сироят ва пешгирии он маълумотнокии ҷомеа ба ҳисоб меравад”

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Насриддинзода Сайфиддин Насриддин соли 2012 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

20-уми ноябри соли 2018 бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси котиби садорати факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти кории худро шуруъ кард. Ҳамзамон аз 19-умуи сентиябри соли 2024 то инҷониб дар вазифаи лаборанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият мекунад.

Кори диссертатсионии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум масъалаҳои “**Муқаррароти умумӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам**” мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қисмати кор, ки аз се зербоб иборат мебошад, масъалаҳои калидии зерин баррасӣ мегарданд: тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа, инкишоф ва рушди ҷавобгарии

ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравиро таҳлил намудааст. Дар ин қисмат муаллиф ҷанбаҳои илмиву назиявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одамро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дуюм масъалаҳои “**Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам”-ро** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳар як зербоб дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасии илмию назариявӣ қарор дода шудааст. Дар доираи ин боб, ки 4 зербобро дар бар мегирад таҳлили муфассали таркибҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам арзёбӣ гардидааст.

Дар боби сеюм бошад масоили **“Хусусиятҳои бандубасти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам”** таҳлил карда шудааст. Боби мазкур иборат аз ду зербобро дар бар мегирад. Бинобар ин, татбиқи таҳлилҳои нишондодашуда дар боби мазкур ду масъала Аломатҳои вазнинкунандаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ва фарқияти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мавриди баррасии қарор дода шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Хулоса, диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин

Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Холиқзода Ш.Л.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино кучаи Ҳисор 31/1 ҳуҷ. 13.
Тел.: (+992) 905559082
Email: kholikov88@mail.ru

Имзои Холиқзода Ш.Л.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«28» 03 2025 с.

Суроға: Хиёбони Рудакӣ, 17, ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj